## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Комилзода Насим Иброҳим дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ**

Таҳқиқоти илмӣ ба мавзуи Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021) бахшида шуда, таҳлили қиёсии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистонро дар бар мегирад.

Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар шакли маҷмӯавӣ бо забони тоҷикӣ масъалаи матраҳшаванда мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ҳадафи диссертатсия аз таҳлили моҳияти инкишоф, махсусияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон иборат буда, инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба тавсеаи ҳамкориҳо, муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, баррасии дастовардҳои сиёсати хориҷӣ моҳияти таҳқиқотро ташкил менамояд.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳқиқи ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиклол мебошад.

Предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ давраҳои асосии истикрор ва инкишофи сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол ба шумор меравад.

Зимни таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф диққати асосиро ба таҳлил ва баррасии марҳилаҳои ташаккули сиёсати хориҷӣ, мушкилоти таҳаввули хадамоти дипломатӣ дар даврони истиқлол равона намудааст. Ҳамзамон масъалаҳои шаклгирии сиёсати хориҷӣ, монеаҳои рушд, нақши шахсиятҳои нотакрор (Эмомалӣ Раҳмон ва Нурсултон Назарбоев) дар муайян намудани моҳият ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ таҳқиқ

гардидаанд. Дар баробари ин нақши Русия дар сиёсати хориҷии кишварҳо, самтгирии кишварҳои мустақил дар марҳилаҳои ибтидоии истиқлол, моҳияти сиёсати бисёрсамта мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтаанд.

Бояд таъкид намоем, ки таҳлили ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳо, омӯзиши марҳалаҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон мубрам буда, баррасии дастовардҳои дипломатия ва сиёсати хориҷӣ ҷиҳати истифодаи онҳо дар шароити якдигар, таҳкими муносибатҳои мутақобила яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии кишвари мо маҳсуб мегардад.

Муҳаққиқ зимни таълифи таҳқиқоти диссератсионӣ аз усули комплексӣ истифода намуда, марҳилаҳои бунёд, ташаккул ва таҳаввули сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро мавриди омӯзиш қарор додааст. Инчунин бо истифода аз усули муқоисавӣ раванди ташаккули дипломатия ва сиёсати хориҷии кишварҳоро баррасӣ намуда, дастовардҳои сиёсати хориҷии онҳоро муқоиса менамояд.

Истифодаи ин усулҳо имкониятеро фароҳам овარданд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи ташаккули марҳалаҳои таърихӣ вазъи кунунӣ ва дурнамо мавриди омӯзиш қарор гирифта, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои мутақобила, истифодаи дастовардҳои сиёсати хориҷӣ ва дипломатия дар шароити рушди мушаххаси давлатдорӣ пешниҳод гаштанд.

Навгонии илмии диссертатсия дар баррасӣ ва таҳлили илмии сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони истиқлол ифода меёбад.

Дар рафти таълифи диссертатсия ва баррасии масъалаҳои таҳқиқотӣ муаллиф дар баробари хулосаҳои илмӣ, таҳлилҳои мушаххас, муайян намудани махсусияти рушди сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон тавсияҳои амалиеро пешниҳод намудааст, ки истифодаи онҳо дар рафти таҳаввули самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистону Қазоқистон ва тавсеаи ҳамкориҳои мутақобила мусоидат хоҳад намуд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки маводи диссертатсия барои таърихнигорон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, дипломатҳо ва ҳамаи онҳое, ки машғули таҳқиқи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон мебошанд, тавсия карда мешавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дастовардҳо ва натиҷаҳои илмии онро метавон дар муайян намудани мушкилиҳои мавҷуда дар рушди сиёсати хориҷӣ, хадамоти касбии дипломатӣ, самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ нисбати кишварҳои минтақа истифода бурд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия аз сарсухан, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар сарсухан оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, сатҳи омӯзиши илмӣ, пояҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои муайяншуда, навгониҳои илмӣ, тайиди диссертатсия, саҳми шахсии довталаб маълумот дода мешавад.

Боби якуми диссертатсия **«Истиқлол ва ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа (солҳои 1991-2000)»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум оид ба ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии он маълумот дода мешавад. Дар зербоби дуюм моҳияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ибтидои асри XXI (солҳои 2001-2015)»** номгузорӣ шуда, фарогири ду зербоб мебошад. Дар зербоби аввал зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зербоби дуюм заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон ва таҳаввули онро матраҳ менамояд.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «**Натиҷа ва дурнамои сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон**» таҳқиқи марҳалаҳои асосии

ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ва дастовардҳову дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи давлатҳоро ифода менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар хулоса дар шакли натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳои мушаххаси амалӣ оварда шуда, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда зикр гардиданд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Комилзода Н.И. дар мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)», кори мустақилонаи таҳқиқотӣ ба шумор рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 - таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов А.Н. – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи муносибатҳо байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ

Имзои Шарипов А.Н. – ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
Тавқиев Эмомалӣ ________________

25. 04. 2024